## ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) пешниҳод шудааст.

Пажуҳиши диссертатсионии Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода ба таҳқиқи яке аз мавзуъҳои мубрами илми рӯзноманигории тоҷик – паҳлуҳои фаъолияти эҷодӣ ва вежагиҳои мундариҷавӣ ва шаклии публитсистикаи адиби публитсист Шералӣ Мӯсоро бахшида шудааст.

**Мавзуи диссертатсия нав буда,** дар илми публитсистикашиносии тоҷик бори аввал дар шакли пажуҳиши диссертатсионӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар он вежагиҳои мундариҷавию шаклии осори публитсистии Ш. Мӯсо бо назардошти омилҳои ташаккулдиҳандаи шахсияти эҷодӣ, фаъолияти адабиву публитсистӣ, дараҷаи маърифати иҷтимоиву маҳорати нигорандагӣ таҳлилу баррасӣ шудааст.

Докторант ҳамчун муҳаққиқи ҷӯянда бо дарку маърифати хуби илмӣ ба таҳқиқи мавзуъ муносибати ҷиддӣ намуда, дар муддати муайяншуда ба сарчашмаҳои назариву амалӣ шинос гардид, маводди марбут ба мавзуъро ҷамъ оварда, тасниф кард ва бо номи «Шералӣ Мӯсо дар пажуҳишҳои илмиву оммавӣ» (Душанбе, 2023. – 480 с.) ба нашр расонд. Баъдан бо коркарди нисбатан амиқу ҳаматарафаи маводди ин китоб ва ҳамчунин, асарҳои публитсистии объекти таҳқиқ вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ иҷро кард ва ба ин тариқ ба мақсади кори диссертатсионӣ – илман муайян намудани мавқеи бунёди иншоотҳои азим дар асарҳои публитсистикаи Шералӣ Мӯсо ноил гардид.

Муҳтавои диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси **6D050401 – Рӯзноманигорӣ комилан мувофиқат менамояд**.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима, чун анъана аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, навгонии кор бо шарҳу тавзеҳҳои амиқ асоснок гардида, мақсаду вазифа, методҳои таҳқиқ, арзиши назариявию амалӣ ва дараҷаи таҳқиқи он муайян ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳлилу баррасӣ шудааст.

Диссертатсия аз нигоҳи сохтор дорои низоми муайяни илмӣ буда, таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайян – зина ба зина сурат гирифтааст. Бобу фаслҳои диссертатсия аз нигоҳи муносибат ба мавзуъ, тарзи омӯзиш ва мантиқи таҳлилу хулосабарориҳо ба ҳам сахт алоқаманд буда, дар маҷмуъ тарҳи нисбатан комили кори диссертатсиониро фароҳам овардааст.

Ба ин мазмун, агар дар боби якум ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо дар контексти ҳаёти сиёсиву иҷтимоии замон бо такя ба таъсири омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва адабии замон ва самтҳои асосии фаъолияти эҷодӣ баррасӣ шуда бошад, дар боби дуюм осори публитсистии Шералӣ Мӯсо доир ба сохтмонҳои азим: бунёди роҳу нақбҳо ва сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ бо назардошти вежагиҳои мавзуиву шеваи нигориш бо таҳлилҳои муқоисавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Мавзуи баҳси боби сеюмро масъалаи таносуби воқеият ва бадеият дар асарҳои Шералӣ Мӯсо ташкил медиҳад. Дар ин боб диссертант аз осори бадеии адиб оҳангҳои публитсистӣ ва аз публитсистикаи ӯ аносири бадеиро ҷӯё шуда, бо таҳлилу баррасии асарҳои алоҳида таносуби ҳақиқати воқеӣ ва бадеиро муайян кардааст.

Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикрнамудаи унвонҷӯ характери илмӣ ва амалӣ дошта, то андозае донишҳои назариявӣ ва амалиро дар самти публитсистикашиносӣ ва рӯзноманигории тоҷик афзуда метавонад. Натиҷаҳои аз рафти таҳқиқ ба дастомада барои таҳқиқи баъзе ҷанбаҳои публитсистикаи муосири тоҷик, хусусиятҳои мавзуиву жанрии асарҳои публитсистӣ, хосса осори публитсистии марбут ба сохтмонҳои азими замони соҳибистиқлолии кишвар аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд.

Маводди диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалӣ доир ба таърихи

публитсистикаи тоҷик ва асосҳои фаъолияти эҷоди рӯзноманигорӣ истифода кард.

Докторант дар давоми солҳои доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос буданаш, худро ҳамчун муҳаққиқи бофаҳм, ҷӯянда, хушмуомила, оромтабиат, таҳаммулпазир, дорои қобилияти эҷодӣ ва тавоно нишон дода, дар омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ бо азму иродаи устувор машғул шуд, ба қадри тавон ва имкон доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи диссертатсия дар ҳамоишҳои илмӣ маърӯзаҳо хонд, монография, мақолаи илмӣ ва илмиву оммавӣ ба нашр расонд. Маҷмуаи тақриз ва мақолаҳои илмиву оммавии марбут ба асарҳои Ш. Мӯсоро мураттаб намуд, ки соли 2023 аз чоп баромад. Таҳқиқи анҷомгирифта маҳсули заҳмати бевоситаи ӯ буда, ниҳоят дар шакли диссертатсияи комил ба поён расид.

Хулосаҳои кори таҳқиқии Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода ифодакунандаи мундариҷаи диссертатсия буда, бо маводди зиёди назариявию амалӣ ва далелу аснод асоснок карда шудааст. Автореферат ва матолиби доир ба мавзуи диссертатсия интишорнамудаи муаллиф – **13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола** дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқу басанда буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва маърузаҳояш дар конференсияҳои сатҳи гуногун таъйид мекунанд.

Бо дарназардошти сифатҳои хуби шахсии муаллиф ва омодагии самараноки ӯ ба корҳои илмиву таҳқиқӣ ҳисоб мекунам, ки таҳқиқи диссертатсионии Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ ва

муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) сазовор аст.

**Роҳбари илмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи матбуоти
факултети журналистикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муродӣ М.Б.

«30» 12 соли 2025.

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Фирдавсӣ, 95, ҳ.6
Тел.: (+992) 934251532.
E-mail: murodi-65@mail.ru

Имзои Муродӣ Мурод Бердиро
тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«31» 12 соли 2025.